Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, синфхонаи 102.
e-mail: ds 6d.koa-004 @mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон” ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст**

Идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун механизми идоракунии захиравӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки он бевосита нишонагирӣ бо дуруст ҷо ба ҷо гузоштани захираҳо ва истифодаи самаранокии баланди онҳо барои таъмини талаботи имрӯза бо назардошти талаботи оянда пурра равона шуда, то корхонаву ширкатҳо кудрату тавонмандиро пайдо созанд, ки ба ҳолати зудтағйирёбандагии бозори глобалии ҷаҳонӣ зуд худро мутобиқ созанд ва дар ҳама ҳолатҳо рақобатпазирии устувори бозори ҷаҳонии хеш бошанд.

Идоракунии рушди босубот, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад модели рушдёбандаи стратегӣ бошад. Дурнамои рушд ба миён овардани шароит барои гузаштан ба иқтисодиёти мутараққӣ дар асоси стратегияи рушди босуботи идоракунии иқтисодӣ-индустриалӣ-инноватсионӣ мебошад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ин ба миён овардани муҳити арзандаи соҳибкорӣ, механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ, азхудкунии захираҳои табиӣ, ташкили корхонаҳои бепартов, тоза нигоҳ доштани муҳити зист, зиёд намудани истихроҷи маъданӣ ва бо саноат ҷалб намудани онҳо ва дигар масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар оянда бо рушди босуботи иқтисодӣ нигаронида шудааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ мақсади олии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон

эълон карда шудааст. Дар он гуфта мешавад: «...ҳуҷҷати мазкур нақшаи директивии амалӣ барои тамоми мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи инфиродии амалиёт барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барномаҳои ёрии техникию молиявии мамлакат ба он асос меёбанд». Аз ин ҷост, ки дар ин ҳуҷҷати муҳим дар қатори самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ миллӣ дар солҳои оянда, инчунин оид ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ вазифа ба миён гузошта шудааст. Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрам будани мавзуи диссертатсияро асоснок менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки имрӯзҳо фаҳмишҳои пешинаи механизмҳои идоракунии рушди босубот, ки гӯё давлатҳои рушдкардаи дунё аз сарватҳои табиӣ бисёр истифода мебаранду табиатро бисёр ифлос мекунанд, комилан дигар шуда, донишмандони бахши менеҷмент исбот намудаанд, ки дар баробари болоравии рушдёбандагиии саноату рушди техникиву технологӣ имрӯз давлатҳои пешқадами ҷаҳон бо истифода аз равишҳои олии идоравӣ, бо истифода аз моҳвораҳои кайҳонӣ ва нанотехникиву нанотехнологӣ имконоти баланди сарфакориву сариштакориро дошта, қариб пурра ба истеҳсолоти кампартову бепартов ва роботикунонии истеҳсолоту хизматрасониҳои навин гузаштаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод:

Дар матн ва мазмуни автореферат муаллиф натиҷаи партовҳои як қатор корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлонро ба ҳавои атмосферӣ мавриди таҳқиқот қарор додааст. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳамзамон дар бораи корхонаи “Хуаксин”-и шаҳри Ёвон, ки асосан ба истеҳсоли семент машғул буда, таъсири манфии он ба муҳити атроф кам ба назар мерасад, рақаму далелҳо оварда таҳлили қиёсӣ мегузаронид, як намунаи олии таъсири ками партовҳо ба муҳити экологӣ ба ҳисоб мерафт.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин ҷост, ки

новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқикот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии ҷумҳуриро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон” аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Абдулов Дилшод Назарович арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**н.и.и., декани факултети**
**иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии**
**Донишкадаи технология ва менеҷменти**
**инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб** **Асоев Б.Х.**

**Имзои Асоев Б.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории**
**Донишкадаи технология ва менеҷменти**
**инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб** **Шокиров Қ.Б.**

***Суроға:** Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб 735360, маҳаллаи Борбад, ш. Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: (+992)98-524-70-82, E-mail: asoev_86@bk.ru*